# Тақриз

ба автореферати Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 -Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ). Душанбе, 2023.

Дар масъалаи омӯхтани вижагиҳои калимаҳои гуногунсохтори забони осори ниёгон ва аҳли адаби муосир забоншиносии тоҷик ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст, вале, бо вуҷуди ин, дар ин самти таҳқиқ дар пеш боз анҷом додани як силсила пажуҳиш амри зарурист. То замоне, ки осори манзуму мансури кулли адибони гузаштаву имрӯза аз назари таҳлил гузаронида нашавад, доир ба манзараи комили вожасозии тоҷикӣ хулосаи амиқу мушаххас баровардан ғайриимкон аст. Аз ин ҷиҳат мавзуи рисолаи унвонҷӯ Валиев Ҷамшед Абдурасулович мубрам ва муҳим арзёбӣ шуда, он метавонад дар ошкоргардии муаммоҳои алоҳидаи дар ин риштаи пажуҳиш ҷойдошта мусоидат намояд.

Рисолаи мавриди мутолиа аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи осори мавриди истифодаи унвонҷӯ иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи пажуҳиши он, мақсаду вазифаҳо, объекту асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашма, навгонӣ, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ва ғайраҳо баррасӣ гардидааст.

Боби якуми рисола фарогири ду фаслу ду зерфасл буда, дар онҳо матолиби муқаддамотӣ, ташаккули исмҳои сохта тавассути пешванду пасвандҳо (пешванди *ҳам-* ва пасвандҳои созандаи исми шахс, ашё, макон, маънӣ) дар осори нависандаи тавонои тоҷик Абдулҳамид Самад мавриди таҳлил қарор дода шуда, ба ин восита забону услуби адиб дар мисоли чунин аносири луғавӣ инъикос карда шудааст.

Боби дуюми пажуҳиш ба роҳҳои лексикӣ-семантикӣ ва морфологӣ –синтаксисии калимасозӣ дар осори А. Самад бахшида шуда, аз се фаслу ҳашт зерфасл иборат аст ва дар онҳо матолиби муқаддамотӣ, бозтоби роҳи лексикӣ-семантикии калимасозӣ, таҳаввулоти маъноии вожаҳо, асоси калимасозии луғавӣ-маъноии вожасозӣ маҳсубгардии ҳодисаи сермаъноӣ, яке аз унсурҳои фаъоли маъноӣ маҷозӣ касб намудани калимаҳо ҳисобёбии маҷозу киноя, роҳи сарфию наҳвии калимасозии исм, гузариши сифатҳои асливу нисбӣ, шумора ва шаклҳои ғайритасрифии феъл (сифати феълӣ, масдар) ба исм ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Дар боби сеюм унвонҷӯ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки усули наҳвию сарфии вожасозии исмро дар осори Абдулҳамиди Самад баррасӣ намояд. Дар ин боб, ки шомили шаш фасл аст, муаллифи рисола се усули ташаккули исмҳои мураккаби пайваст, шаш роҳи бунёди исмҳои мураккаби тобеъ, инчунин зуҳури онҳоро бо факки изофат таҳқиқ кардааст. Дар фаслу зерфаслҳои баъдӣ низ вожаҳои мансуб ба исми мураккаби сеҷузъа, исмҳои мураккаби пасванддор ва омехтасохт ба риштаи таҳлил кашида шудаанд.

Ба ин тариқ, унвонҷӯ Валиев Ҷ. А. вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст: аз осори нависанда Абдулҳамиди Самад маводи зарур ва дархури матлабро гирдоварӣ кардааст, онҳоро дастабандӣ намудааст, хидмати адибро дар такомули таркиби луғавии забони тоҷикӣ нишон дода, инчунин бурду бохташро дар эҷоди вожаҳои мухталифсохтори мансуб ба исм ошкор кардааст.

Дар рисола, ба пиндори мо, дар радифи комёбиҳо иштибоҳҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо зарур аст:

1. Муаллифи рисола ҳангоми таҳлили пасвандҳои исмсоз вожаҳои *навъи аспакӣ, харакӣ, сабабгор, ёдгор, рӯзгор* ва монанди инҳоро исми шахс ба шумор овардааст, ки дуруст нест (ниг. с. 11-ум).

2. Унвонҷӯ дар ҷараёни нишон додани қолаби ташаккули иддае аз аносири луғавӣ ба ғалат роҳ додааст. Чунончи, вожаи мураккаби навъи *«хушгӯӣ»*-ро қолаби сифату асоси замони ҳозираи феъл бунёдгардида медонад (ниг.с.16-ум), ё калимаҳои *«модасаг», «мардбача»*-ро дар заминаи қолаби аз ду исм ташаккулёфта меҳисобад (ниг.с.16-ум), ё ки вожаҳоеро амсоли *«калоншаванда»* дар қолаби исму сифати феълӣ рехташуда мешуморад.

3. Дар фишурдаи рисола ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобат вуҷуд дошта, онҳо дар натиҷаи мувофиқат накардани ҳиссаҳои ҷумла *(…одамон…истифода намоянд*-с.3; *вожаҳое… сохта мешавад*-с.3; *…ин масъала… омӯхта нашудаанд*-с.3; инчунин с.7, 8, 15…), ба гунаи ғалат овардани калимаву таркибу ибораҳо дар дохили матнҳо (ниг.с. 4, 5, 6, 9, 10, 14…) ва монанди инҳо содир шудаанд.

Чунин ғалатҳо исолҳшаванда буда, ба мазмуни умумии рисола таъсир намерасонанд

Унвонҷӯ Валиев Ҷ.А. доир ба моҳияти асосии рисола 25 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки 11 адади онҳо дар саҳифаҳои маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Валиев Ҷамшед Абдурасулович дар мавзуи «Роҳҳои калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 -Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 -Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз**: доктори илми филология,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков-1,
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21

*«Имзои профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашрафро тасдиқ мекунам».*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел.: (992-3422) 6-52-73
E-mail: rektor@hgu.tj
«29»-уми майи соли 2023-юм